Published on The Committee of Language and Terminology by the Government of the Republic of Tajikistan (http://www.istilohot.tj)

# Таҳкими сулҳу субот – омили ҳастии миллат (вобаста ба филми ҳуҷҷатии «Хиёнат», қисмҳои 3, 4)

Submitted by Ҳайати тадорукот on 24 October, 2020 - 15:26
[1]

Имрӯз 24-уми октябри соли 2020, соати 09:00 дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар дар мавзӯи «Таҳкими сулҳу субот – омили ҳастии миллат» вобаста ба филми ҳуҷҷатии «Хиёнат» (қисмҳои 3, 4) баргузор гардид, ки дар

он раиси Кумита, муовини раис, сардорон, мудирон ва кормандони Кумита иштирок намуданд.

Дар оғоз раиси Кумита тамоми иштирокдоронро ба мизи мудаввар хайра мақдам намуда, оид ба мазмуну муҳтавои филми ҳуҷҷатии «Хиёнат»  (қисмҳои 3, 4) маълумот дода, аз ҷумла баён намуданд, ки филми мустанади «Хиёнат», ки тавассути шабакаҳои телевизионии кишвар намоиш дода шуд, дар асоси далелҳои раднашаванда, шоҳидии иштирокчиёни ҳодисаҳо ва маълумоти бойгонӣ омода карда шудааст ва ҳамагон аз муҳтавои ин филм огоҳ гаштанд.

Дар замони муосир гиромӣ доштани ваҳдату ягонагӣ беш аз пеш авлавият дорад. Насли ҷавон бояд аз таърихи кишвари азизамон бохабар бошанд, бахусус, аз бесарусомониҳои солҳои ҷанги шаҳрвандӣ огоҳ шаванду зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд. Ҳар як фарди ватандӯстро мебояд, ки ба қадри сулҳу субот дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ҳуқуқбунёд расид ва нагузорад, ки ягон ҳизб, ҳаракат ё равияҳои гуногун озодиву ваҳдати моро халалдор созанд.

Маҳз талошу заҳматҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардуми кишвар ба рӯзҳои нек, зиндагии осуда, созандагӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ расид. Албатта, ин кори саҳлу осон набуд. Шахсони ватандӯст, бонангу номус ва сарсупурдагони ватан ба хотири осудагии миллат кӯшиданд ва дар натиҷа ба он ноил гардиданд.

Пас аз намоиши филми мазкур тамошобинро мебояд, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, фирефтаи доми хоинони ватанбезор нашаванд ва ба ҳимояи давлату миллат, ободу зебо ва бунёд намудани ватани худ ҷаҳду талош намояд.

Баъдан муовини раиси Кумита, сармутахассисони шуъбаҳои танзими истилоҳот ва ташкилию ҳуқуқии Кумита оид ба муҳтавои филми мазкур маърӯзаҳои худро қироат намуданд. Дар охир суҳбати озод сурат гирифта, саволҳои муҳим баррасӣ шуданд.

Мизи мудавварро раиси Кумита, доктори илми филология – Муҳаммадҷонзода Олимҷон ҷамъбаст карда, ба ҳамаи ҳозирин ва дар маҷмӯъ Ҷумҳурии Тоҷикистон сулҳу салоҳ ва оромиву осудагиро орзу кард.

Шунидани суруди миллӣ анҷомбахши мизи мудаввар гардид.

**Content rating:** 5

Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

-

**Source URL:**http://www.istilohot.tj/en/node/6689?mini=2025-03

**Links**
[1] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/field/image/20201009_093853.jpg [2] http://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [3] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20201009_093853_0.jpg [4] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20201009_094652_0.jpg